Сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. И. Сомонӣ, 109 «А»
Телефон: (992 37) 229-20-00
Факс: (992 37) 229-20-50
http://dushanbe.usembassy.gov

Сафорати ИМА дар Душанбе ба маркази нави таълимии Хадамоти гумрук дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонад

19 январ соли 2010 Сафири ИМА Кен Гросс дар маросими ифтитоҳи Маркази таълимии нави Хадамоти гумрук дар шаҳри Душанбе иштирок намуд. Бинои нав муассисаи такмил додашудаи таълими барои кормандони гумрук мебошад. Сафорати ИМА дар Душанбе дар чорчӯбаи Барномаи назорати экспорт ва амнияти сарҳадот ду синфхонаҳои компютерӣ ва умумӣ бо чиҳоз, компютерҳо, принтерҳо, мониторҳо, проекторҳо, таҷҳизоти ва сабти садо ва симо таълим намуд. Инчунин сафорати ИМА ба маркази таълимии Хадамоти гумрук микроавтобуси мусофиркаши 10 нафара тақдим намуд.

Сафорат минбаъд ҳам ҷиҳати такмили инфрасохтори Маркази таълимии Хадамоти гумрук кӯмак хоҳад расонд ва инчунин хамкории байни маркази таълимии кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи ИМА ва маркази таълимии Хадамоти гумрукро дар самти таҳиясозӣ ва такмили барномаҳои таълимӣ маблағгузорӣ хоҳад кард.

Кӯмаки то имруз ба Маркази таълимии Хадамоти гумрук пешниҳод гардида тақрибан 200 000 доллари амрикоиро ташкил медиҳад.